ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ
КАФЕДРАИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

# БАРНОМАИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ БАРОИ МАГИСТРОНИ КУРСҲОИ 1-УМ ВА 2-ЮМИ ИХТИСОСИ 250103010-ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОН

ДУШАНБЕ 2022

Барнома дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодӣ мураттаб шудааст.

Тартибдиҳанда: мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллииТоҷикистон н.и.и., дотсент Саидмуродова М.А.

Тақриздиҳандагон: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.И.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шерова Н.Д.

Барномаи таҷрибаомузии илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи нақшаи таълимӣ барои магистрони курсҳои 1 ва 2-юми ихтисоси 250103010 -иқтисодиёти ҷаҳонии факултети молиявию иқтисодӣ мураттаб гардида, ҷадвали тақсими соатҳои таҷрибаомузӣ, самтҳои асосии тадқиқот, мундариҷа ва мазмуни муфассали кор, руйхати адабиёти тавсияшавандаро дар бар мегирад.
Истифодаи дастури мазкур бо мақсади тақвияти самаранокии азхудкунии кулли маводи таълимӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёт, маводҳои оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, иҷрои мустақилона ва баландбардории завқи ҷустуҷӯи эҷодии магистрантон нигаронида шудааст.

Суратҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, пайнавишти № 15 аз 17.05 соли 2022 тасдиқ шудааст.

мудири кафедра
н.и.и., дотсент ___________Саидмуродова М.А.

Дар шӯрои илмӣ-методии факултети молиявию иқтисодии ДМТ пайнавишти №11 аз 15. 06 соли 2022 тасдиқ шудааст.

Раиси шӯрои илмӣ-методии факултет,
д.и.и., профессор___________ Иброҳимзода И.Р.

Шӯрои илмию методии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон аз «   »   аз соли 2022 ба чоп тавсия намудааст.

**Мундариҷа**

**1. Мақсад, вазифаҳо ва мақоми таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣдар низоми таҳсилоти олии касбӣ**

**2. Ташкил, тартиби гузаштан ва роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзӣ**

**3.Вазифаҳои донишҷӯ**

**4. Мазмуни таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ**

**5. Омодакунии ҳисобот оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ**

**6.Ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ**

**7. Ҷамъбасти маводҳо ва таҳияи ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ**

**Рӯйхати адабиётҳои истифодашаванда ва тавсияшаванда барои иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ**

**Замимаҳо**

## Пешгуфтор

Мувофиқи нақшаи таълимии ихтисоси 25010310 - «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», барои магистрон дар курсҳои 1-ум ва 2-юм таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ пешбинӣ шудааст.

Таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ дар курси 1-ум баъд аз омӯхтани фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Назарияхои иктисодиёти чахони», «Масоили муосири илми иктисоди», «Танзими бисёртарафаи тичорати байналхалки», «Амнияти иктисодии байналхалки», «Бозори чахони», «Андоз ва андозбандӣ», «Бозори байналхалкии когазхои кимматнок» ва дигар фанҳое, ки аз рӯи ихтисоси номбурда хонда мешаванд, ташкил ва гузаронида мешаванд. Мӯҳлати гузаштани ин таҷрибаомӯзии таълимӣ 4 –ҳафта мебошад. Дар давоми ин 4 –ҳафта бояд донишҷӯён, дар ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ аз рӯи Қисми аввали барномаи мазкур таҷрибаомӯзӣ дар назди кафедра гузаранд.

Дар вақти гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ ҳар як магистр аз ҳисоби устодони кафедраи иктисодиёти чахони роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳт аъмин карда мешаванд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ пеш аз ба таҷрибаомӯзӣ рафтани донишҷӯён нақшаи инфиродии онҳоро тасдиқ менамоянд ва баъд аз ин донишчӯён ба тачрибаомӯзӣ аз рӯи фармоиши ректори донишгоҳ, ба объекти тачрибаомӯзи фиристонда мешаванд. Бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тарафи шӯъбаи тачрибаомӯзии ДМТ таъмин карда мешаванд.

Роҳбарияти кафедра мувофики фармоиши Ректори ДМТ тачрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотии магистрон ва роҳбарони онҳоро барраси менамояд. Магистрантон метавонанд як нусхаи фармоишро дар вақти тартиб додани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ба ҳисобот ҳамроҳ намоянд.

Баъд аз ба охир расидани таҷрибаомӯзӣ магистрантон мувофиқи барномаи мазкур ва нақшаи инфиродӣ ҳисобот менависанд, ки он аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ дар хислатномаи магистрантон бо баҳои сазовор дарч карда мешавад ва баъдан ба кафедра пешкаш карда мешавад.

Баъд аз шинос шудан ба ҳисоботи таҷрибаомӯзии магистрантон аз тарафи роҳбарони онҳо аз кафедра, агар ҳисобот ба мақсад мувофиқ бошанд ба ҳимоя роҳ дода мешаванд. ҳимояи ҳисобот дар назди комиссияе, ки аз тарафи кафедра ташкил карда шудааст баррасӣ мешаванд ва мувофиқи донишу малакаи амалии онҳо баҳогузорӣ карда мешаванд.

### Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзии илмию тадқиқотии магистрантон

### Мақсади тадқиқоти илмии магистрантон

Барои он, ки кори тадқиқоти илмӣ иҷро карда шавад, пеш аз ҳама аз тарафи шахси тадқиқотгузорнанда дар назди худ мақсад ва вазифаҳои кори илмияшро гузошта, баъдан дар асоси ҳамин интихоби мавзӯи тадқиқотӣ ҳамчун реферат, кори хатмкунӣ ва ё худ диссертатсияро интихоб менамояд. Мақсади тадқиқоти илмӣ асосан аз акуталӣ будани муаммоҳои илмии илмҳои фундаменталӣ ва ё илмҳои амалӣ ба миён меояд. Пеш аз ҳама тадқиқотчӣ бояд мақсади навишти кори илмиро ба миён гузорад.

Мақсади асосии тадқиқоти илмӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1. Амалӣ намудани фаъолияти эҷодӣ;
2. Рушди шароитҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ барои амалӣ гардонидани имкониятҳои эҷодӣ ва сифатҳои кордонии тадқиқоти илмӣ;
3. Муайян намудани самти нави назариявии тадқиқотҳои эҷодӣ;
4. Ҷустуҷӯи донишҳои нав, ахбори нав, усулҳои нав ва дар амал татбиқ намудани мақсади дар назди худ гузоштаи тадқиқотчӣ;
5. Кор карда баромадани қисми лоиҳаи тадқиқоти илмӣ;
6. Муайян намудани самти тадқиқоти илмӣ;
7. Муайян намудани натиҷаи илмии ба даст овардашудаи корҳои илмӣ тадқиқотӣ;
8. Сохти системаҳои нав ва ё таҳлили системаҳои пеш вуҷуддошта ва ё элементҳои онҳо.

Барои амалигардонии мақсади тадқиқоти илмӣ вазифаҳои тадқиқотчӣ ба миён меояд, ки иҷрои он ба таври хаттӣ навишта мешавад.

**Вазифаҳои тадқиқоти илмии магистрантон**

Навишти корҳои тадқиқоти илмӣ аз ҳаллӣ вазифаҳои зерин иборат мебошанд.

1. Кушодани асосҳои назариявии мавҷудияти категорияи иқтисодӣ, на танҳо моҳияти онро нишон додан, балки вазифа, нақш ва истифодаи имкониятҳои мақсадноки имкониятҳои мақсаднок ба воситаи коркард ва амалигардонии сиёсати молиявию –қарзӣ мебошад;
2. Кушодани принсипи категорияи иқтисодӣ дар соҳаҳои фаъоляити гуногун ва имкониятҳои такмили системаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва шароитҳои рушди ҷамъият.
3. Ҷамъоварии маводҳои назариявӣ ва аз нуқтаи назари тадқиқотӣ баҳо додани корҳои илмӣ ва нишон додани норасогиҳо дар корҳои илмӣ –тадқиқотӣ ва роҳҳои мукамалкунии онҳо.
4. Омӯхтани таҷрибаи амалӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию қонунгузориҳо.
5. Муайян намудан ва баҳодиҳии самарнокии иқтисодии корҳои тадқиқоти илмӣ;
6. Амалигардонии натиҷаҳои корҳои тадқиқоти илмӣ дар фаъолияти (амалӣ) истеҳсолӣ;

7. Ҳамкорӣ дар рушди илмҳои иктисодӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оиди баррассии муаммохои иктисодиёти давлатхои алохидаи чахон ва масоили глобалии чахони ва ғайраҳо.

Амалинамоии ин масъалаҳо барои интихоби мавзӯи илмӣ, интихоби адабиётҳои илмӣ кӯмак менамояд.

Адабиётҳои илмӣ алалхусус монографияҳо, мақолаҳои ба мавзӯи интихобшуда таалуқдошта, бояд ҳатман аз тарафи тадқиқотчӣ омӯхта шуда, ҷойҳои лозимӣ дар дафтари махсус сабт карда шаванд. Ҳамаи ин корҳо бо хотири тартиб додани нақшаи кори тадқиқоти илмӣ ба ҷо оварда мешаванд.

Дар рафти омӯхтани адабиётҳо, аз ҷумла монографияҳо ва мақолаҳо аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо дода шаванд, камбуди ва бартариҳои корҳои тадқиқоти илмӣ бояд нишон дода шаванд.

Ҷои махсусро дар иҷрои корҳои тадқиқоти илмӣ методологияи категорияи муайяни илмӣ мебозад.

**Методология ва усулҳои тадқиқоти илмӣ**

Методология –ин илм дар бораи шаклҳо ва корҳо оиди донистани илмии ҳақиқӣ мебошанд. Бо ин илм шинос шуданро мо бояд бо роҳҳои муқоисаи ду шакли фикрҳои (мышление) иқтисодӣ: оддӣ ва омӯзишҳои илмӣ меомӯзем.

Методологияи илми иқтисодӣ муносибатҳои истеҳсолии сохти ҷамъиятии муайянро меомӯзад ва муайян намудани тарафҳои истифодабарии маҷмӯи амалиётҳои тадқиқотии ҳодисаҳои даққиқиҷамъиятӣ мебошад.

<u>Методҳои назариявии тадқиқотҳои эмпирикӣ</u>

Рушди илм бо ташкили методологияҳо алоқаманд буда, дар худ принсипҳои ибтидоии роҳбариро таҷассум менамоянд. Методологияи илми умумӣ ва хусусӣ (алоҳида) мешаванд.

<u>Методологияи умумии илмӣ</u> –ин принсипҳои диалектикаи материалистӣ, ва ҳам назарияи иқтисодии тадқиқоти қонунҳои рушди донишҳои илми умуман мебошанд.

<u>Методологияи хусусӣ</u> (алоҳида) бошад дар қонуниятҳои илмҳои алоҳида асос ёфта, хусусиятҳои хоси тафакури дақиқи рафтҳо ва дар мавҷудияти аз як тараф умумикунонии назариявӣ ва аз тарафи дигар як қисми методҳои тадқиқоти асос меёбанд.

Предмети омӯхтани методологияи тадқиқоти илмӣ мафҳум ва методҳои худи илмӣ буда, соҳаи истифодаи онҳо ва асоснокунии натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ мебошанд.

<u>Тартибдиҳии мавзӯҳои тадқиқотӣ</u>

1. Тартиби сохтани барномаи тадқиқоти –илмӣ.
2. Хусусиятҳои ташкилию иқтисодии мавзӯҳои тадқиқоти илмӣ.

3. Марҳалаҳои тадқиқоти –илмӣ. Усулҳои тадқиқот аз рӯи марҳалаҳои иҷроиши корҳои тадқиқоти илмӣ.

**Тартиби сохтани барномаи тадқиқоти –илмӣ**

Интихоби мавзӯҳои тадқиқоти илмии илмҳои иқтисодӣ ба ҳаллӣ масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ба баландбардории самаранокии истеҳсолот вобаста мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якҷоягии Вазоратҳо ва дигар идораҳои сохторҳои давлатӣ коркарданд ва боз танзим дода барномаи маҷмӯи (комплексии) рушди иҷтимоӣ иқтисодии ҷумҳуриро сохтанд. Ин стратегияи рушди миллӣ мебошад. Ин стратегияи руди миллӣ буда, барномаи ислоҳоти иқтисодӣ, барномаи рушди механизми молиявию қарзии ҷумҳурӣ мебошад, ки он барномаи миёнамӯҳлати буҷетро низ дар бар мегирад.

**Хусусиятҳои ташкилию иқтисодии мавзӯҳои тадқиқоти илмӣ**

Муаммоҳои илмӣ –ин маҷмӯи пайдоиши диалектикии масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва ё амалии илмӣ, дар илмӣ ҳозира ба шумор меравад ва ин муаммоҳо бо роҳи тадқиқоти илми ҳалли худро мeёбанд.

Барои иҷрои корҳои тадқиқотӣ илмӣ дар аввал бо маҷмӯи адабиётҳои иқтисодӣ ва молиявӣ шинос шуда, баъдан барномаи корҳои тадқиқотиро тартиб дода, мавзӯи илмиро муайян менамоянд.

Интихоби муаммои илмӣ пеш аз ҳама асоснок карда мешаванд ва ҷиҳати актуалии мавзӯъ дар сарсухани кори иҷро мекардагӣ сабт карда мешаванд. Барои ҳалли барномаҳои Ҳукумат оиди рушди иҷтимоӣ иқтисодии ҷумҳурӣ тадқиқотҳо чӣ аҳамият доранд, таҳлил кардашуда баъд аз он тадқиқот сар карда мешаванд.

Муаммо бояд аз мазмун, муайяни, паиҳамӣ ва ба қонунҳо зид набудан, ки онҳоро барои истифодабарии ҳақиқат барои –оиӯхтани ҳақиқат ва ҳалли масъалаҳо истифода бурда мешаванд.

Мавзӯъ –ин қисми муаммоҳое мебошанд, ки аз куллӣ масъалаҳо, танҳо як масъала барои омӯхтан ва иншои муаммоҳои он равона карда мешаванд.

Тадқиқотчӣ мавзӯи кори илмиро вобаста ба мақсади иҷрои самти кор бояд консепсияи нав ва ё самти нав, ташкили усулҳои мавҷудбуда ва ё усулҳои нав пешниҳод менамоянд. Оиди мавзӯи иқтисодии дақиқ тадқиқотӣ муаммои илми номбурдашуда ба зерсоҳаҳои зерин ҷудо менамояд:

- назарияи ба тадқиқоти мазкур таалуқдоштаи консепсияи илмии ба қонунҳои илмии мавҷудбуда зид набошанд, кор кардабароии ақсиомаҳои дониш;

- усулҳои ба тадқиқоти мазкур дахлдор, ки дар рафти омӯзиши объект истифода бурда мешаванд;

- фаъолияти ташкили ба кори тадқиқотӣ мансуб буда ва истифодаи натиҷаи тадқиқот дар фаъолияти амалӣ.

### Марҳалаҳои тадқиқоти илмӣ. Усулҳои тадқиқот аз рӯи марҳалаҳои иҷроиши корҳои тадқиқоти илмӣ

Ба самтҳои мақсаднок 3-намуди тадқиқотҳои илмӣ ҷудо карда мешаванд:

- фундаменталӣ;
- амалӣ;
- коркардабарой.

### Мавзӯҳои тадқиқоти илмӣ. Интихоби мавзӯи тадқиқоти илмӣ

Интихоби мавзӯи илмӣ дар иҷрои корҳои тадқиқотӣ илмӣ нақши муҳим мебозад.Ҳар як кори тадқиқотӣ илмиро ба яке аз самтҳои муайяни илмӣ дохил кардан мумкинаст. Дар таҳти самти тадқиқоти илмӣ, илм ва ё маҷмӯи илмии дар он тадқиқоти илмӣ бурда мешавад. Асосан самти махсуси тадқиқоти илмӣ ва ё як қатор илмҳои махсус ба ин ва ё он соҳаи илм дохил мешаванд, усулҳои махсуси тадқиқоти илмӣ ва воситаҳои махсуси ба илм таалуқдошта дохил мешаванд.

Мавзӯи тадқиқоти илмӣ қисми асосӣ ва таркибии самти илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ аз рӯи мавзӯъ ба якчанд саволҳои доираи муайяни илмӣ ҷавоб гуфтан имконпазир аст, ки вай мумкин ба як қисми муаммоҳои илмӣ вобаста бошад.

Масъалаи илмӣ –ин баъзе масъалаҳои хурди илмӣ буда, ба мавзӯи дақиқ таалуқ дорад.

Интихоби самти муаммо, мавзӯи тадқиқоти илмӣ ва гузориши масъалаҳои илмӣ, масъалаҳои муҳими ҷавобгаӯ ба талаботи илм дошта мебошад.

Самти актуалӣ ва муаммоҳои комплексии тадқиқоти илмӣ вобаста ба ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешавад. Самти тадқиқот дар бисёр мавридҳо аз махсусияти муассисаи илмӣ, соҳаи илмӣ ва кафедрае, ки унвонҷӯ дар он ҷо кору фаъолият менамояд, муайян карда мешавад.

Бинобар ин самти илмӣ барои ҳар як тадқиқотчӣ бо интихоби соҳаи илм ва тадқиқотчӣ фаъолият кунанда вобаста мебошад.

Интихоби самти даққиқи тадқиқотчӣ ба омӯхтани ҳолати захираҳои истеҳсолот, талаботи ҷамъият ва ҳолати тадқиқот дар ин ва ё он самти илмӣ вобаста мебошад.

Дар омӯхтани рафти ҳолат ва натиҷагири алакай корҳои тадқиқотӣ гузаронидашуда имконияти пайдошавии идеяи истифодаи комплексии якчанд самтҳо, барои ҳалли масъалаҳои истеҳсолот ба миён меоянд, омӯхта мешаванд.

Бояд қайд кард, ки шароити хуби корӣ дар ҳолати тадқиқотӣ клмплексӣ дар мактабҳои олӣ, донишгоҳҳо, донишкадаҳо аз сабаби

мавҷуд будани макатабҳои таълимию илмӣ дар соҳаҳои гуногуни илм ва техника фаъолият менамоянд, шароит муҳайё кардаанд.

Самти интихобкардаи тадқиқот дар бисёр мавридҳо ва корҳои баъдинаи тадқиқотӣ стратегияи кори корманди илмӣ ва ё коллективи илмӣ шуда метавонад.

Дар вақти интихоби муаммо ва мавзӯи тадқиқоти илмӣ, дар асоси таҳлили фикрҳои мухталифи самти илмӣ худи муаммои тадқиқот муайн карда мешавад ва дар баробари ин натиҷаи самараноки ҳалли муаммо муайян карда мешаванд. Баъдан сохти (структура) муаммо, мавзӯъ, саволҳо, иҷрокунандагон ва актуалии он муайян карда мешавад.

Баъди асосноккунии муаммо ва муайян наудани сохти он, мавзӯи кори илмӣ тадқиқотӣ муайян карда шуда, ҳар яки он аз нуқтаи назари актуалии илмӣ муайян карда мешавад.

## Сохти корҳои тадқиқоти илмӣ

Корҳои тадқиқоти илмӣ оиди мавзӯи интихобшуда аз тартиб додани нақшаи кори хатмкунӣ ва рисолаи дипломӣ сар мешаванд.

Дар як вақт дар кафедра ҷадвали пешниҳоди кори илмӣ барои тасдиқ ба мудири кафедра пешниҳод карда мешавад. Дар ҷадвали номбурда оиди ҳар як боб пешбинӣ карда мешавад, ки онҳо кай ба роҳбар ва кай ба кафедра пешниҳод карда мешаванд, нишон дода мешаванд. Донишҷӯ баъд аз тартиб додани ин масъалаҳо бо ҳамроҳии роҳбари илмӣ вақти ба охиррасии кори хатмкунӣ ва ё рисолаи дипломиро муайн намуда, кори аз нуқтаи назари илмӣ ба охиррасидаро бо тақризи беруна ва хулосаи роҳбари илмӣ ба кафедра кам пешниҳод менамояд, дар ҷадвал пешбинӣ карда мешавад.

Агар донишҷӯ авалин маротиба ба кори илмӣ (навиштани кори курсӣ, реферат ва ғайраҳо) даст зада бошад, он гоҳ донишҷӯ бо розигии роҳбари илмӣ сохти онро муайян  намуда, ба кафедра пешниход менамояд.

Одатан кори хатмкунӣ шумораи бобҳо аз се  ва ё мувофиқи мазмун аз чор боб иборат бошад. Шумораи саволҳои (параграфҳои) бобҳо аз ду, се ва чор параграф иборат бошад. Аммо шумораи параграфҳои бобҳо аз ду параграф на бояд кам бошанд.

Вобаста аз мазмуни бобҳо, параграфҳо дар баъзе мавридҳо аз се ва ё чор параграф тартиб дода шуда, иҷро карда мешавад.

Рисолаи магистрӣ бояд аз се боб ва нуҳ параграф, охир сухан ва адабиётҳои истифодашуда иборат бошад.

Роҳбари илми бо якҷояги донишҷӯ супориши тартибдодаи худро ба мудири кафедра барои тасдиқ пешниҳод менамоянд. Баъд аз тасдиқ аз тарафи мудири кафедра супориш бо навишти забонхати донишҷӯ ба ӯ баргардонида мешавад. Ба вазифаи роҳбари илмии аз тарафи кафедра ҷудо карда шуда инҳо дохил мешаванд:

- муайян намудани мавзӯи рисолаи магистрӣ ва бо иштироки донишҷӯ супориш оиди рисолаи магистрӣ тартиб дода мешаванд;

- рӯи хати адабиётҳои тавсияшуда ва ҳуҷҷатҳои барои навиштани кори хатмкунӣ ва рисолаи дипломӣ тартиб дода мешаванд;

- доимо донишҷуён аз тарафи кафедра ва роҳбари илмӣ новобаста аз дохили донишгоҳ ва ё берун аз он мубохисаҳои шифохӣ ва ба таври хаттӣ дода мешаванд. Сифати иҷрои қисмҳои алоҳидаи рисола ва кори хатмкунӣ, иҷрои ҷадвали сохташуда аз тарафи кафедра назорат карда мешаванд.

Рисолаи магистрӣ бояд мувофиқи супориши тартибдодашуда, ҳам аз рӯи мазмун ва ҳам аз рӯи вақти муайянкардашуда иҷро карда шаванд. Дар супориш номи мавзӯъ, аннататсияи кӯтоҳи мазмуни кор, маълумотҳои ибтидоӣ, паи ҳамии иҷрои кор (ҷадвали корӣ) навишта мешавад.

Кор бояд характери маҷмӯи (комплексӣ) дошта бошад, вай ҳалли масъалаҳои зеринро бояд дар бар гирад: масъалаҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ, молиявию андозӣ ва ҳамаи ин масъалаҳо бо ҳалли масъалаҳои ташкилӣ ва ягона дар рафти иҷрои ҳамаи корҳо иҷро карда шаванд.

Супориш ба тартиби зайл иҷро карда мешавад:

- аннотатсияи кӯтоҳи кор бо нишондоди номгӯи масъалаҳои асосии аз тарафи донишҷӯ ҳали худро ёбанд;

- маълумотҳои ибтидоӣ. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо, дастурамалҳо, рӯйхати адабиётҳо ва корҳои дигари ба кори илмии донишҷӯ вобаста буда, дида баромада мешаванд;

- мазмун ва иҷрои пайиҳами кор.

Дар ин қисми супориш бояд мазмуни ҳар як боби рисола ва ё кори хатмкунӣ ба шакли кӯтоҳ сабт карда щаванд. Дар ҳамин ҷо бояд паидарҳамӣ ва муҳлати иҷрои ҳар як боб нишон дода шавад.

## Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ. Омода намудани маводҳои даққиқ ва матн. Ҳимояи рисолаи магистрӣ

Корҳои тадқиқоти илмӣ оиди илми иқтисодии даққиқ бо пешниҳоди маҳсулоти илмӣ ба охир мерасад.

Маҳсулотҳои илмӣ инҳо мебошанд:

- дастурамалҳои назариявӣ;
- дастурамалҳои илмӣ –методологӣ;
- кор карда баромадани методикаи тадқиқот;
- тавсияҳо;
- хулосабарориҳо;
- пешниҳодҳо ва ғайраҳо.

Амалинамоии корҳои тадқиқоти илмӣ ба охиррасида ба истеҳсолот, ба корхонаю муассисаи даққиқи барои вай тадқиқоти илмӣ гузаронида пешниҳод карда мешаванд, ки дар он ҷо натиҷаи кори илмӣ амалӣ кунонида шавад.

Самаранокии тадқиқот – ин пеш аз ҳама маҷмӯи гирифтаи дониши илмӣ, натиҷаи иҷтимоию иқтисодии тадқиқот мебошад.

Натиҷаи тадқиқот бо хароҷотҳои ба он сарф кардашуда муқоиса карда шуда, самарнокии иқтисодии он муайян карда мешавад.

Самарнокии тадқиқоти илмии характери иқтисодӣ дошта на танҳо дар натиҷаҳои баҳамалоқаманди омилҳои иқтисодӣ, балки дигар омилҳоро низ дар бар мегиранд.

Намудҳои зерини самарнокии КТИ вуҷуд доранд:

- иқтисодӣ;
- илмӣ техникӣ;
- иҷтимоӣ.

Самарнокии илмӣ–техникӣ ба рушди донишҳои нав барои пешрафти илму техника ҳидоят менамояд.

Самарнокии иҷтимоӣ барои дуруст намудани омилҳои хуби зиндагонӣ мардум ва ё потенсиали (инсонӣ) мардуми – ин ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ, маориф, маданият ва ғайраҳо мебошанд.

Самарнокӣ аз амалӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот дар рушди назарияи илм ва мукамалнамои усулҳои хоҷагидорӣ таҷассум меёбанд. Аз тарафи дигар ин амалигардонӣ ба барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ, рушди сектори хусусӣ ва соҳибкорӣ, алалхусус корхонаҳои хурд, мукалнамоии сиёсати сармоягузорӣ, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ ва самтҳои дигари рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ҳидоят менамояд.

Омода сохтани рисолаи дипломӣ, кори хатмкунӣ ва рисолаи номзадӣ ва пешниҳод барои ҳимоя ба охиррасии кори илмӣ тадқиқотӣ ба ҳисоб меравад, баъд аз ҳимояи рисолаи дипломӣ, кори хатмкунӣ таҳсил низ ба охир мерасад.

Дар иҷрои кори тадқиқотӣ илмӣ тадқиқотчӣ бояд аз такроршавии ситатҳо худдорӣ намояд.

Дар вакти истифодаи адабиётҳои илмии олимони намоён, дар вақти овардани ситата, фикру мулоҳизаҳои муаллифон тадқиқотчӣ ҳатман ба муаллиф, номи китоб, нашриёти чопшуда, саҳифа ва соли баромади китоб ишора намояд.

Агар дар кори илмӣ рузнома ва ё маҷала истифода бурда шавад, ҳатман аз тарафи тадқиқотчӣ номи рӯзнома, моҳ, рақам ва соли баромади он нишон дода мешавад.Дар рисолаи магистрӣ тарзи навишт ва фикрронихо бояд мантиқан паи ҳам иншо шавад.Ҳар як бобби рисолаи магистрӣ, кори хатмкунӣ бояд ба охиррасида бошад.

Иҷрокунандаи рисолаи магистрӣ, кори хатмкунӣ бояд ба таҳияи матн ва ҷадвалу графикҳои дар рисола овардашуда аҳамияти махсус диҳанд. Ба рисолаи магистрӣ роҳбари илмӣ хулосаи худашро навишта, дар он бартарӣ ва норасогиҳои кори илмиро меорад. Дар рафти навиштани кори илмӣ донишҷӯ худашро чӣ хел нишон дод, бояд дар хулосаи роҳбари илмӣ сабт карда шавад. Дар баробари хулосаи роҳбари илмӣ ба кори рисолаи магистрӣ ва кори хатмкунӣ бо иҷозати мудири кафедра аз берун тақриз навишта мешавад.

**Ҷой ва масъалаҳои ташкили таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ**

Таҷрибаомӯзии илмию тахкикотии магистрон дар назди кафедраи тахассуси ташкил карда мешавад. Магистрантон бояд аз воситаҳои техникии ҳозиразамон огоҳ бошанд.

Таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ асосан ду давраро дарбар мегиранд. Давраи аввал-мувофиқи барномаҳои таълимӣ, бо таври назариявӣ аз худ намоии фанҳои ихтисос ва тайёр намудани донишҷӯён ба фаъолияти амалӣ.

Давраи дуюм –давраи таҷрибаомӯзии тахкикотӣ буда, дар ин давра магистрантон бо фаъолияти амалии кафедра шинос шуда, донишҳои назариявии худро ба амалия пайваст намуда, маҷмӯи донишҳои касбиашонро сайкал медиҳанд.

То оғози таҷрибаомӯзи устодони кафедра магистрантони курси 1-умро бо асосҳои таҷрибаомӯзӣ шинос менамоянд ва мувофиқи нақша ба рохбарони таҷрибаомӯзӣ вобаста карда мешаванд.

Баъд аз тақсимоти объектҳои таҷрибаомузӣ кафедра бо розигии садорат лоиҳаи фармоиши таҷрибаомӯзии магистрантонро ба ректори ДМТ пешниҳод менамоянд. Дар лоиҳаи фармоиш ном ва номи магистрантон, объекти таҷрибаомӯзӣ ва номи пурраи он, ном ва насаби роҳбарон аз кафедра навишта мешаванд.

Магистроне, ки бо сабаби узрнок дар вақти муайяншуда ба тачрибаомӯзии илмию тахкикотӣ рафта натавонанд бо розигии кафедра ва садорати факултет таҷрибаомӯзиро дар вақтҳои мувофқ ва қулайи соли хониш гузаронида метавонанд.

## Мазмуни таҷрибаомӯзи дар ҷойҳои корӣ

Магистри-таҷрибаомӯз дар мӯҳлати (давраи) таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ, мувофиқи барнома ва нақшаи инфиродӣ таҷрибаомӯзӣ бояд бо ҳуҷчатҳо ва маводҳои зарурии касбӣ (ихтисоси) таваҷҷӯҳ зоир намуда, аз усулҳои пешқадами фаъолияти системаҳои муносибатхои байналхалки бо хабар буда ба тариқи мунтазам барои сайқал додани дониши касбии худ, диққати махсус хоҳанд дод. Дар ин давра донишҷӯён метавонанд бо ҳамроҳи мутахассисони объектҳои таҷрибаомӯзӣ дар корҳои таҳлилу назоратӣ иштирок намоянд (бо розигии роҳбарони объектҳои таҷрибаомӯзӣ, шӯъбаҳо ва дигар роҳбарони салоҳиятдор).

## Роҳбарии таҷрибаомӯзӣ

Роҳбари таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ аз донишгоҳ бо фармоиши ректори донишгоҳ таъмин карда мешаванд. Роҳбари таҷрибаомӯзи аз кафедраи донишгоҳ вазифадор мебошад:

- мувофиқи фармоиши ректори ДМТ шиносоии магистрантон бо объектҳои таҷрибаомӯзӣ;

- гузаронидани суҳбатҳо бо магистрантон оиди тартиб ва мӯҳлати таҷрибаомӯзии илмию тахкикотӣ;
- бо ҳуҷҷатҳои лозима (рӯзномаи таҷрибаомӯзи: барномаи таҷрибаомӯзӣ) таъмин намудани магистрантони таҷрибаомӯз;
- кӯмак расонидан ба магистрантон–таҷрибаомӯзон дар вакти тартиб додани ҷадвали тақвимӣ аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзон;
- ҳафтае як маротиба аз рӯи имконият: роҳбари таҷрибаомӯз аз кафедра ба объектҳои таҷрибаомӯзи ташриф оварда, ба таҷрибаомӯзон кумаки ҳаматарафа оиди бо сифат гузаштани таҷрибаомӯзӣ;
- назорати иҷроиши нақшаи (ҷадвали) инфиродӣ;
- таъмини шароити корӣ;
- бо таҷрибаомӯзон ташкил намудани суҳбатҳо оиди тартибу низоми дохилӣ;
- ҳисоботи пешниҳодкардаи магистрантондон бо розигии роҳбарон, аз кафедра дида баромада шаванд.

## Ҷамъбасти натиҷаи таҷрибаомӯзӣ

Бо баохиррасии мӯҳлати таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ ҳар як магистр ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедраи донишгоҳ ҳисоботи таҷрибаомӯзии худро пешниҳод менамоянд. Агар ҳисобот ба мақсад мувофиқ бошад ба ҳимоя роҳ дода мешавад ва дар назди комиссия ҳисоботро ҳимоя намуда ба баҳои сазовор муяссар мегардонанд.

## Сохти ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ

ҳисоботи пешниҳодшуда бояд аз ҳалли чунин масъалаҳо иборат бошад:
- тавсифи умумии ҷои таҷрибаомӯзӣ;
- тавсифи объекти таҷрибаомӯзӣ;
- тавсифи кӯтоҳи корҳои иҷрокарда дар давоми таҷрибаомӯзӣ;
- ҷо баҷо гузоштани ҳуҷҷатҳои ҷамъовардашуда дар ҳисоботҳо;
- хулоса ва пешниҳодҳои магистрантон оиди беҳтар намудани фаъолияти объектҳои таҷрибаомӯзӣ;
- ҳисобот бо забони тоҷикӣ навишта мешавад.

Магистр-таҷрибаомӯз дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди масъалаҳои молия, андоз ва бонк пеш аз ҳама аз нуқтаи назари иқтисодӣ фикрони карда тавонад ва оиди ҳар як звенаҳои идораи органҳои номбурда тассавурот дошта бошад.

Магистр -таҷрибаомӯз дар рафти таҷрибаомӯзи ба ҳалли масъалаҳои зерин бояд омода бошад:

1. Тартиб додани ҳисобот ва мувофиқанамоии он бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ;
2. Пешниходи маводхои чамъовардашуда барои гузаронидани корхои тахкикотии минбаъда: навиштани маколахои илми,

рефератхо, маърузахои илми дар конференсияхо ва бобхои алохидаи рисолаи магистри.

**Тачрибаомузии чамъиятию сиёсии магистр**

Ин қисми таҷрибаомӯзи аз чорабиниҳое иборат мебошад, ки таҷрибаомӯз дониши зарурӣ ва нозукиҳои корҳои ҷамъиятию сиёсиро аз худ менамояд. Ба ғайр аз ин, магситр таҷрибаи кор бо коллективи меҳнатӣ, иштирок дар корҳои ҷамъиятии муассисаи таълимӣ бо маърӯзаҳо дар назди коллектив баромад карданро меомӯзад. Дар маъракаҳои сиёси, варзишӣ ва дигар чорабиниҳои муассиса иштирок менамояд.

**Тартиб додан ва ҳимояи ҳисобот**

Баъд аз ба охир расидани мӯҳлати таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқот ӣмагистр аз рӯи ҳамин барномаи тартиб додашуда ҳисобот тайёр карда, ба кафедра на дертар аз 15 руз баъди ба итмом расидани мӯҳлати таҷрибаомӯзи ба кафедра пешниҳод шаванд.

Магистроне, ки дар мӯҳлати нишондодашуда ҳисоботро насупориданд ба ҳимоя роҳ дода намешаванд.

Дар ҳисоботи пешниҳодшудаи магистр бояд ҳамаи мавридҳо аз рӯи нақшаи кории таҷрибаомӯзии донишҷӯ дар ҳисобот пешниҳод шавад. ҳисоботи пешниҳодшуда бояд аз ду қисм: қисми назариявӣ дар шакли матн (навишт) ва қисми тавсия (замима), ки дар ҳамаи ҳуҷатҳое, ки дар рафти таҷрибаомӯзӣ ҷамъ оварда, бо онҳо кор кардааст пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот бояд дар папкаи махсус духта шавад. Ҳаҷми умумии ҳисобот барои магистрантони шуъбаи рӯзона на кам аз 30 саҳифа бошад.

Дар саҳифаи охирини ҳисобот донишҷӯ-тарҷибаомӯз таърихи рӯзи тартиб додани ҳисоботро гузашта, бо имзои худ ҳисоботро тасдиқ менамояд. ҳисоботи аз рӯи нақшаи муайян, ки донишҷӯ вобаста ба ҳамин барнома, бо назардошти ҷои таҷрибаомӯзи тартиб дода шудааст, иҷро карда мешавад.

**Сохтори ҳисоботи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ чунин масъалаҳоро дарбар мегирад:**

- тавсифи умумии ҷои кори таҷрибаомӯзӣ;
- сохти идоракунии объекти таҷрибаомӯзӣ;
- номгӯи масъалаҳое, ки дар ҷои кори таҷрибаомӯз ҳал карда мешаванд;

- муайян намудани камбудиҳои ҷойдошта, аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз.

- хулосаҳои донишҷӯ- таҷрибаомӯз оиди бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ҷои таҷрибаомӯзӣ;
- тавсифи дараҷаи истифодабарии техника ва технологияи кампюторӣ;
- дар охири ҳисобот адабиётҳо ва қонунҳою дигар қарорҳои ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мешаванд;
- ҳисоботи таҷрибаомӯз аз тарафи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ тафтиш карда мешавад ва ба ҳар як ҳисобот кӯтоҳ тақриз навишта мешавад.

агар донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ наравад ва ё аз ҳисоботи пешниҳодшуда баҳои ғайриқаноатбахш гирад, он гоҳ донишҷӯ дар курси пештарааш мононда мешавад ва ё аз қатори донишҷӯён хориҷ карда мешавад.

**НИЗОМИ БАҲОГУЗОРӢ**

| N | Баҳои ҳарфӣ | Микдори холҳо | Микёси фоизи ҷавоби дуруст | Баҳоиададии пештара |
|---|---|---|---|---|
| 1 | A | 4,0 | 95-100 | **Аъло** |
| 2 | A- | 3,67 | 90-94 | |
| 3 | B+ | 3,33 | 85-89 | **Хуб** |
| 4 | B | 3,0 | 80-84 | |
| 5 | B- | 2,67 | 75-79 | |
| 6 | C+ | 2,33 | 70-74 | **Қаноатбахш** |
| 7 | C | 2,0 | 65-69 | |
| 8 | C- | 1,67 | 60-64 | |
| 9 | Д+ | 1,33 | 55-59 | |
| 10 | Д | 1,0 | 50-54 | |
| 11 | F | 0 - 0,99 | 0-49 | **Ғайриқаноатбахш** |

## Адабиётҳои истифодашуда


1. Конститутсияи ҶТ. Душанбе - 1994 (бо тағйироту иловаҳо).
2. Кодекси андози ҶТ. Душанбе – 2012 (бо тағйироту иловаҳо).
3. Кодекси гумруки ҶТ. Душанбе : Ирфон - 1998 ( бо тағйироту иловаҳо).
4. К.Ф. Пузҷня, А.К.Казанцев. «Организация и планирование НИР и ОКР» Москва 1999г.
5. Совершенствование технологии ВУЗовских НИОКР на основе функционально –стоимостного анализа. Москва МГУ 1990г


Замима №1

**Нақшаи тақвимии**

гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотии магистри курси 1-уми ихтисоси
250103010-иктисодиёти чахонии
факултети молиявию иқтисодии ДМТ
шӯъбаи рӯзона

______________________
(ном ва насаб)

| № | Рақами мавзӯъ аз рӯи барнома | Шумораи рӯзҳои корӣ | Таърихи гузарондан | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

Дар нақшаи тақвимӣ бояд корхонае, ки дар он ҷо магистрант ба таҷрибаомӯзӣ рафтааст сабт намояд, ва оиди ин объект ҳамаи мавзӯъҳо ва саволҳоеро, ки таҷрибаомӯз дар рафти таҷрибаомӯзӣ омӯхтааст, кӯтоҳ нависад.

Замима № 2
Намунаи варақаи
аввалаи ҳисобот

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети молиявию иқтисодӣ
Кафедраи иктисодиёти чахони

**ҳисобот**

Оиди гузаштани таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ
дар ...........

___________________________________

оғози таҷрибаомузӣ « _____» ________с. 2022
анҷоми таҷрибаомузӣ « ____» _______с. 2022

Иҷро кард:магистри
курси 1 – уми ихтисоси
25010310 иктисоди чахон
____________________________
ном ва насаб

Роҳбари илмӣ_________________

_____________(вазифа, ном ва насаби роҳбари илмӣ)

Душанбе -2022